«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
_______________ Сатторзода Б.А.
«25» _______________ соли 2026

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи номзадии Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ**. Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ, густариши муомилоти гражданӣ ва баланд гардидани талабот нисбат ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аҳаммияти махсусро касб намудааст. Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таъмини бозори истеъмолӣ бо молҳои босифат ва таҳкими эътимод ба муносибатҳои шартномавӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодию ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, масъалаи муайян намудани шартҳои сифати мол ва таъмини иҷрои онҳо аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дар муносибатҳои шартномавии хариду фурӯш сифати мол ҳамчун яке аз шартҳои муҳими иҷрои дурусти уҳдадориҳо баромад менамояд. Маҳз аз сатҳи муайян гардидани шартҳои сифат ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои харидор, устувории муносибатҳои маданӣ ва самаранокии муомилоти иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Дар баробари ин, таҷрибаи амалии ҳуқуқтатбиқкунӣ нишон медиҳад, ки номуайян

будани шартҳои сифати мол, истифодаи ибораҳои умумӣ ҳангоми бастани шартнома ва, мавҷуд набудани механизмҳои самараноки назорат дар бисёр ҳолатҳо боиси ба вуҷуд омадани баҳсҳои шартномавӣ ва иҷро нагардидани ухдадориҳо мегардад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои вобаста ба сифати молро танзим менамояд, аммо бисёр муносибатҳои амалии вобаста ба тартиби муайян намудани сифати мол, санҷиши он, татбиқи кафолат ва ҳифзи ҳуқуқи харидор асосан дар доираи танзими шартномавӣ ҳал карда мешаванд. Аз ҳамин сабаб, таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии шарт оид ба сифати мол дар ухдадориҳои шартномаи хариду фурӯш амри зарурӣ ба ҳисоб меравад.

Анҷом додани таҳқиқоти илмии бунёдӣ оид ба масъалаҳои шарт оид ба сифати мол дар ухдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба такмили танзими ҳуқуқӣ, баланд бардоштани самаранокии иҷрои ухдадориҳои шартномавӣ ва таҳкими ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳои гражданӣ мусоидат намояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон ишора намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар ухдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳое, ки дар диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар ухдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» оварда шудаанд**, дар сатҳи баланд арзёбӣ гардида, натиҷаҳои таҳқиқот аз таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, адабиёти илмӣ ва доктринаи ҳуқуқи маданӣ бармеоянд. Дар таҳқиқоти мазкур бо истифода аз усулҳои диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, таҳлили низомнок, расмӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба шартҳои сифати мол дар ухдадориҳои шартномаи хариду фурӯш мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф дар чараёни таҳқиқот маҷмӯи васеи усулҳои илмиро ба таври пайдарҳам ва мақсаднок истифода намуда, масъалаҳои вобаста ба муайян намудани сифати мол, тартиби таъмини он, мавқеи шартҳои сифат дар низоми шартномаи хариду фурӯш ва оқибатҳои ҳуқуқии пешниҳоди моли бесифатро аз дидгоҳи қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ таҳлил намудааст. Дар рисола хусусиятҳои ҳуқуқии шарт оид ба сифати мол, нақши он дар таъмини иҷрои дурусти ухдадориҳои шартномавӣ ва ҳифзи ҳуқуқи харидор ба таври муфассал баррасӣ гардидаанд.

Ин таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он ҷиҳат аҳаммияти илмӣ дорад, ки дар илми ҳуқуқи маданӣ масъалаҳои вобаста ба шарт оид ба сифати мол дар

уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш то имрӯз ба таври комплексӣ ва низомнок мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор нагирифта буданд. Танҳо баъзе паҳлуҳои алоҳидаи масъала дар доираи таҳқиқоти умумии шартномаи хариду фурӯш аз ҷониби муҳаққиқон баррасӣ гардида буданд. Аз ин рӯ, кори мазкурро метавон ҳамчун таҳқиқоти мустақил ва муҳим дар самти такмили таълимоти ҳуқуқии шартҳои сифати мол арзёбӣ намуд.

Муаллиф масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба сифати молро ба таври асоснок таҳлил намуда, пешниҳодҳои илмӣ-амалии худро оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии танзими шартномавӣ ироа кардааст. Аз ҷумла, масъалаҳои вобаста ба дақиқ намудани мафҳуми «сифати мол», муайян намудани шартҳои муҳими сифат дар шартнома, такмили механизмҳои назорат ва таҳкими ҳифзи ҳуқуқи харидор аз ҷумлаи пешниҳодҳое мебошанд, ки дар рисола бо асоснокии илмӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

Навгонии илмии таҳқиқи диссертатсионӣ дар он ифода мeёбад, ки дар илми ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал масъалаҳои назариявӣ ва амалии шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш ба таври комплексӣ ва низомнок мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф дар асоси таҳлили қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, маводи илмии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин таҷрибаи танзими шартномавии муносибатҳои хариду фурӯш, масъалаҳои вобаста ба таъмини сифати мол ва нақши он дар иҷрои уҳдадориҳои шартномавиро аз дидгоҳи муосири илмӣ баррасӣ намудааст.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳои зерини дорои навгонии илмӣ баррасӣ ва асоснок карда шудаанд:

**Якум**, муаллиф мафҳум ва моҳияти шарт оид ба сифати молро ҳамчун унсури муҳими уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш аз нигоҳи танзими маданӣ-ҳуқуқӣ таҳлил намуда, асоснок кардааст, ки сифати мол танҳо хусусияти техникии мол набуда, яке аз воситаҳои асосии таъмини иҷрои дурусти уҳдадориҳои шартномавӣ ва ҳифзи ҳуқуқи харидор ба ҳисоб меравад.

**Дуюм**, таносуби шартҳои сифати мол бо дигар шартҳои муҳими шартномаи хариду фурӯш ва дигар шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқии вобаста ба бегона кардани мол муайян карда шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки шартҳои сифат бо чунин шартҳо, аз қабили предмет, миқдор, муҳлат ва тартиби иҷрои уҳдадориҳо алоқаи зич дошта, дар бисёр ҳолатҳо маҳз номуайян будани шартҳои сифат боиси ба вуҷуд омадани баҳсҳои шартномавӣ мегардад.

**Сеюм**, масъалаҳои вобаста ба таъмини сифати мол дар марҳилаҳои бастан ва иҷрои шартномаи хариду фурӯщ мавриди таҳлили ҳуқуқӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф асоснок менамояд, ки истифодаи иборахои умумӣ ҳангоми муайян намудани сифати мол барои ҳифзи самараноки ҳуқуқи иштирокчиёни муносибатҳои шартномавӣ кофӣ набуда, шартҳои сифат бояд бо нишондиҳандаҳои мушаххаси техникӣ ва ҳуқуқӣ муайян карда шаванд.

**Чорум**, оқибатҳои ҳуқуқии иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои фурӯшанда вобаста ба пешниҳоди моли бесифат таҳлил гардида, масъалаҳои вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи харидор, татбиқи чораҳои масъулият ва механизми исботи камбудии мол аз нигоҳи ҳуқуқӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ҳангоми ҳалли баҳсҳои вобаста ба сифати мол мушкилоти муайян вуҷуд доранд ва онҳо ба такмили танзими ҳуқуқӣ ниёз доранд.

**Панҷум**, дар диссертатсия тавсияҳо ва пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини сифати мол таҳия гардидаанд. Аз ҷумла, пешниҳод шудааст, ки мафҳуми «сифати мол» дар қонунгузорӣ дақиқтар муайян гардида, тартиби санҷиш, қабули мол ва механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи харидор такмил дода шаванд.

Навгонии илмии таҳқиқ ҳамчунин дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ ва амалӣ барои такмили қонунгузории гражданӣ, баланд бардоштани самаранокии танзими шартномавӣ ва рушди минбаъдаи таълимоти ҳуқуқии вобаста ба шартномаи хариду фурӯш истифода шаванд. Таҳқиқоти мазкур ба баррасии баъзе мушкилоти назариявӣ ва амалии вобаста ба сифати мол дар муносибатҳои шартномавӣ мусоидат намуда, имконият фароҳам меорад, ки масъалаҳои вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи харидор ва иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ дар сатҳи баландтари ҳуқуқӣ ҳал карда шаванд.

Саҳеҳии натиҷаҳои илмии таҳқиқот бо истифодаи усулҳои муосири илмӣ, таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, омӯзиши адабиёти илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ тасдиқ карда мешавад. Натиҷаҳои илмии дар диссертатсия бадастомада метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории миллӣ, фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, омода намудани маводи таълимӣ ва тадриси фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ» ва «Ҳуқуқи шартномавӣ» истифода шаванд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ироагардида барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи маданӣ ва такмили танзими ҳуқуқии шартҳои сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш аҳаммияти муҳим доранд. Таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба сифати мол дар муносибатҳои шартномавӣ имкон фароҳам овардааст, ки баъзе паҳлуҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ, ҳифзи ҳуқуқи харидор ва таъмини устувории муносибатҳои гражданӣ мушаххас ва такмил дода шаванд.

Натиҷаҳои илмии бадастомада аз таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва омӯзиши адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба даст омада, барои ошкор намудани камбудиҳо ва холигиҳои мавҷуда дар танзими ҳуқуқии масъалаҳои вобаста ба сифати мол равона гардидаанд. Муаллиф масъалаҳои марбут ба муайян намудани шартҳои сифати мол, тартиби таъмини он, оқибатҳои ҳуқуқии пешниҳоди моли бесифат ва механизми ҳифзи ҳуқуқи харидорро аз дидгоҳи муосири ҳуқуқӣ таҳлил намуда, пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ-амалиро ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур кардааст.

Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, метавонанд барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи маданӣ, такмили қонунгузории гражданӣ, баланд бардоштани самаранокии танзими шартномавӣ ва такмили амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ истифода шаванд. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти комплексӣ дар илми ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб рафта, масъалаҳои вобаста ба шарт оид ба сифати молро аз нигоҳи назариявӣ ва амалии ҳуқуқӣ ба таври муфассал баррасӣ менамояд.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи шартномаҳои хариду фурӯш, фаъолияти мақомоти судӣ ва дигар мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда, инчунин дар раванди такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд. Пешниҳодҳои муаллиф ҷиҳати дақиқ муайян намудани шартҳои сифати мол, такмили механизми санҷиш ва таҳкими ҳифзи ҳуқуқи харидор метавонанд барои баланд бардоштани самаранокии муносибатҳои шартномавӣ мусоидат намоянд.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои диссертатсияи мазкур аз лиҳози илмӣ барои рушди донишҳои ҳуқуқӣ, аз лиҳози амалӣ барои такмили низоми танзими шартномавӣ, аз лиҳози иқтисодӣ барои таҳкими устувории муносибатҳои бозорӣ ва аз лиҳози иҷтимоӣ барои баланд бардоштани сатҳи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагон аҳаммияти муҳим доранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар воқеӣ будани натиҷаҳои бадастомада, мантиқӣ ва пайдарҳам будани таҳқиқот, таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба шартҳои сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш, инчунин мутобиқати таҳқиқот ба талаботи муқарраршуда ифода мегардад. Дар ҷараёни таҳқиқ масъалаҳои вобаста ба моҳият ва нақши шартҳои сифати мол дар муносибатҳои шартномавӣ, тартиби таъмини сифати мол ва оқибатҳои ҳуқуқии иҷро нагардидани уҳдадориҳои фурӯшанда аз нигоҳи қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот дар воқеӣ будани хулосаҳо, асоснокии илмии онҳо, мутобиқати мантиқии дохилии таҳқиқ ва таҳлили ҳамаҷонибаи мушкилоти вобаста ба танзими ҳуқуқии шартҳои сифати мол бо дарназардошти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Дар таҳқиқот аз усулҳои илмӣ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, таҳлили низомнок, мантиқӣ-забонӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода гардида, онҳо имконият фароҳам овардаанд, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии мавзуъ ба таври пайдарҳам ва асоснок таҳлил карда шаванд.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ ба таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи амалияи судӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ вобаста ба баҳсҳои марбут ба сифати мол такя намудааст, ки онҳо асоси боэътимоди эмпирикиро барои хулоса ва пешниҳодҳои илмӣ ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, дар таҳқиқ адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ва маводи назариявии марбут ба масъалаҳои иҷрои ухдадориҳои шартномавӣ ва ҳифзи ҳуқуқи харидор мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дурустии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи манбаъҳои боэътимоди илмӣ ва амалии соҳавӣ, таҳлили қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи воқеии ҳуқуқтатбиқкунӣ тасдиқ карда мешавад. Таҳлили ҳамаҷонибаи ин маводҳо имконият додааст, ки натиҷаҳои таҳқиқот аз нигоҳи илмӣ ва ҳуқуқӣ бо далелҳои мушаххас асоснок карда шаванд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот инчунин дар он ифода меёбад, ки дар асоси таҳлили назариявӣ ва амалии масъала пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ-амалӣ ҷиҳати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини сифати мол ва ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни муносибатҳои шартномавӣ таҳия гардидаанд. Ҳар як хулоса ва пешниҳоди илмӣ бо таҳлили мантиқӣ, маводи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва далелҳои илмӣ асоснок карда шудааст.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии илмӣ ва амалӣ фарқ карда, барои истифода дар фаъолияти илмӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ мувофиқ ва судманд мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар он ифода меёбад, ки масъалаҳои вобаста ба шарт оид ба сифати мол дар ухдадориҳои шартномаи хариду фурӯш аз ҷониби ӯ мустақилона таҳқиқ ва таҳлил гардида, нисбат ба баъзе паҳлуҳои назариявӣ ва амалии мавзуъ ақида ва мавқеи илмии муаллиф пешниҳод шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ масъалаҳои марбут ба муайян намудани сифати мол, таъмини иҷрои ухдадориҳои шартномавӣ ва ҳифзи ҳуқуқи харидорро ба таври мустақилона баррасӣ намудааст.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия инчунин дар сатҳи навгонии илмии таҳқиқот, хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснокшуда, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида, инчунин мақолаҳои илмии ба нашр расонидашуда ва иштироки ӯ дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ тасдиқ мегардад.

Пешниҳод ва тавсияҳои илмӣ-амалии муаллиф ҷиҳати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими ҳуқуқии шартҳои сифати мол ва таҳкими ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни муносибатҳои шартномавӣ таҳия гардидаанд. Услуби таҳлил, тарзи масъалагузории илмӣ, муносибати мустақилона ба таҳқиқи мавзуъ, инчунин шарҳу тавзеҳи меъёрҳои қонунгузорӣ ва пешниҳодҳо оид ба такмили онҳо саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқот нишон медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 8 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷу ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

**[1-М].Қодирзода С.М**. Соотношение условия о качестве товара с иными условиями гражданско-правовых договоров по отчуждению имущества [Матн] / С. Қодиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2017. - № 2/6. - С. 208-215.

**[2-М]. Қодирзода С.М**. Условия о качестве товара при исполнении гражданско-правовых договоров [Матн] / С. Қодиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2017. - № 2/9. - С. 257-262.

**[3-М]. Қодирзода С.М**. Масъалаҳои асосии сифати мол ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯш [Матн] / С. М. Қодиров // Ахбори ДДҲБСТ : маҷаллаи илмӣ-назариявӣ. - Хуҷанд, 2019. - С. 109-117. (Ихтисос: 12.00.14 - ҳуқуқи маъмурӣ; раванди маъмурӣ).

**[4-М]. Қодирзода С.М**. Шартномаҳои ҳуқуқи мадании вобаста ба бегона кардани амвол [Матн] / С. Қодирзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. - № 4 (52). - С. 122-125.

**[5-М].** Ғаюров, Ш., Қодирзода, С. Таносуби шартҳо оид ба сифати мол бо дигар шартҳо дар ҳуқуқи маданӣ [Матн] / Ш. Ғаюров, С. Қодирзода // Вестник педагогического университета. Серия: Философия, право и политические науки. - Душанбе, 2025. - С. 63-68.

**[6-М]. Қодирзода С.М**. Масъалаҳои сифати мол дар муносибатҳои ҳуқуқи граждании [Матн] / С. М. Қодиров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон, аспирантон ва донишҷӯён, бахшида ба 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 24-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ ва 70-солагии Ғалаба дар ҶБВ. - Данғара, 2015. - С. 140-145.

**[7-М]. Қодирзода С.М**. Масъалаҳои сифати мол дар танзими ҳуқуқи граждани [Матн] / С. М. Қодиров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ, бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ ва «Соли рушди зеҳн». - Данғара, 2016. - С. 103-109.

**[8-М]. Қодирзода С.М**. Нақши сифати мол дар иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ [Матн] / С. М. Қодиров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ, бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ ва «Соли рушди зеҳн». - Данғара, 2016. - С. 171-176.

**[9-М]. Қодирзода С.М**. Танзими ҳуқуқии сифати мол дар шартномаҳои гражданӣ [Матн] / С. М. Қодиров // Ҳафтаи илм : маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмӣ-амалӣ, бахшида ба 20-солагии Ваҳдати миллӣ (17-22 апрели 2017). - Душанбе : ЭР-граф, 2018. - С. 248-253.

**[10-М]. Қодирзода С.М**. Шартҳои сифати мол дар муносибатҳои шартномавӣ [Матн] / С. М. Қодиров // Ҳафтаи илм : маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмӣ-амалӣ, бахшида ба 20-солагии Ваҳдати миллӣ (17-22 апрели 2017). - Душанбе : ЭР-граф, 2018. - С. 253-261.

**[11-М]. Қодирзода С.М**. Нақши таъмини сифати мол дар танзими ҳуқуқи гражданӣ [Матн] / С. М. Қодиров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Масъалаҳои муҳими ҳуқуқи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе, 2019.

**[12-М]. Қодирзода С.М**. Сифати мол ва маҳсулот дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. М. Қодиров // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ «Маърифати ҳуқуқӣ - омили инкишофи давлати ҳуқуқбунёд» (бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи ҶТ ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ»). - Данғара, 2024. - С. 174-178.

**[13-М]. Қодирзода С.М**. Оқибатҳои ҳуқуқии иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳо оид ба моли босифат [Матн] / С. М. Қодирзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ «Маърифати ҳуқуқӣ - омили инкишофи давлати ҳуқуқбунёд». - Данғара, 2024. - С. 92-95.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №0267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар мукаддимаи кори мазкур мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети мавзӯи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраҳои таҳқиқот, оварда шуда, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсиф гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия

муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ изҳори назар карда шудааст. Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмуи масъалаҳои муҳим ва заруриро ба рои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

**Сохтори рисолаи илмӣ** бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардида, аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса, пешниҳодҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 178 саҳифаро ташкил намуда, рӯйхати адабиёти истифодашуда 182 номгӯйро дар бар мегирад. Аз ҷумла:

Боби якуми диссертатсия – **«Асосҳои ҳуқуқии шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ гардида, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин боб муаллиф масъалаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии вобаста ба шарти сифати молро дар муносибатҳои шартномавии хариду фурӯш мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Зербоби якуми боби якум – **«Мафҳум, мазмун ва аҳаммияти ҳуқуқии шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш»** номгузорӣ гардидааст. Муаллиф дар ин зербоб ҳамчун анъанаи илмӣ мафҳум, моҳият ва аҳаммияти ҳуқуқии шарти сифати молро мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст.

Ба ақидаи муаллиф, сифати мол на танҳо хусусияти иқтисодӣ ё техникии мол, балки категорияи мустақили ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, ба мазмун ва тартиби иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ таъсири мустақим мерасонад. Муаллиф қайд менамояд, ки танзими шартномавии сифати мол маҳз тавассути мувофиқаи тарафҳо амалӣ гардида, ҷонибҳо бо роҳи муайян намудани шартҳои сифат, нишондиҳандаҳои техникӣ ва тавсифи мол мазмуни уҳдадориҳои худро мушаххас менамоянд.

Дар диссертатсия нишон дода мешавад, ки сифати мол бояд ба шартҳои шартнома, талаботи қонун, стандартҳо, қоидаҳои техникӣ ва мақсади истифодаи мол мутобиқ бошад. Муаллиф таъкид менамояд, ки аҳаммияти ҳуқуқии шарти сифати мол пеш аз ҳама дар ҳифзи ҳуқуқи харидор ва таъмини иҷрои дурусти уҳдадории фурӯшанда ифода меёбад.

Ҳамчунин дар ин зербоб масъалаи робитаи сифати мол бо масъулияти граждании баррасӣ гардидааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки вайрон гардидани шарти сифати мол метавонад боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла иваз намудани мол, кам намудани нарх, бартараф намудани нуқсонҳо ё бекор намудани шартнома гардад.

Дар зербоби дуюми боби якум – **«Таносуби шартҳои сифати мол бо дигар шартҳои муҳимми шартномаҳои ҳуқуқӣ-маданӣ вобаста ба бегона кардани**

**амвол»** масъалаҳои вобаста ба ҷойгоҳ ва алоқамандии шарти сифати мол бо дигар шартҳои муҳими шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ таҳлил шудаанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки шарти сифати мол бо чунин шартҳои муҳим, аз қабили предмети шартнома, микдор, нарх, муҳлат ва тартиби иҷрои уҳдадориҳо робитаи зич дорад. Ба андешаи муаллиф, гарчанде шарти сифати мол дорои хусусияти мустақили ҳуқуқӣ мебошад, аммо он дар амалия дар алоқамандӣ бо дигар шартҳои муҳими шартнома татбиқ мегардад.

Дар диссертатсия асоснок карда мешавад, ки нодуруст муайян намудани сифати мол ё умуман муайян накардани он метавонад боиси халалдор гардидани тавозуни ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо ва ба вуҷуд омадани баҳсҳои гражданӣ гардад. Аз ин лиҳоз, муаллиф зарурати дақиқ муайян намудани шартҳои сифати молро дар марҳилаи бастани шартнома таъкид менамояд.

Муаллиф ба хулоса меояд, ки шарти сифати мол ҳамчун унсури муҳими мазмуни шартномаи хариду фурӯш нақши калидӣ дошта, иҷрои дурусти он барои устувории муносибатҳои шартномавӣ, ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни муомилоти гражданӣ ва баланд бардоштани эътимод ба муносибатҳои бозорӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Боби дуюми диссертатсия – **«Хусусиятҳои ҳуқуқии шартҳо оид ба сифати мол дар марҳилаҳои бастан, иҷро ва қатъи шартномаи хариду фурӯш»** номгузорӣ гардида, аз ду зербоб иборат мебошад: «**Паҳлуҳои асосии таъмини сифати мол дар марҳилаи бастани шартномаи хариду фурӯш» ва «Шартҳо оид ба сифати мол дар раванди иҷрои шартномаи хариду фурӯш».** Дар ин боб хусусиятҳои ҳуқуқии шартҳои вобаста ба сифати мол дар марҳилаҳои асосии муносибатҳои шартномавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Муаллиф диққати асосиро ба ҷанбаҳои амалии танзими ҳуқуқии сифати мол равона намуда, масъалаҳои вобаста ба муайян намудани шартҳои сифат, тартиби иҷрои онҳо ва оқибатҳои ҳуқуқии вайрон гардидани уҳдадориҳои шартномавиро таҳлил менамояд. Дар боб нишон дода мешавад, ки таъмини сифати мол дар ҳамаи марҳилаҳои муносибатҳои шартномавӣ аҳаммияти муҳим дошта, риоя нагардидани шартҳои сифат метавонад боиси халалдор гардидани ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо ва ба вуҷуд омадани баҳсҳои гражданӣ гардад. Таҳлил бо такя ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалияи судӣ ва мавқеи олимони ҳуқуқшинос анҷом дода шудааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм – **«Паҳлуҳои асосии таъмини сифати мол дар марҳилаи бастани шартномаи хариду фурӯш»** масъалаҳои асосии таъмини сифати мол дар марҳилаи бастани шартномаи хариду фурӯш мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф аҳаммияти ҳуқуқии марҳилаи бастани шартномаро ҳамчун заминаи ташаккули уҳдадориҳои минбаъдаи тарафҳо асоснок намуда,

таъкид менамояд, ки маҳз дар ҳамин марҳила шартҳои сифати мол бояд ба таври равшан, дақиқ ва ҳуқуқан асоснок муайян карда шаванд.

Дар зербоб нишон дода мешавад, ки муайян намудани сифати мол метавонад тавассути ишора ба стандартҳо, талаботи техникӣ, намунаҳо, тавсифи хусусиятҳои истеъмолӣ ва мақсади истифодаи мол амалӣ гардад. Муаллиф масъалаҳои вобаста ба номуайянӣ ё нокифоя будани шартҳои сифати молро таҳлил намуда, оқибатҳои ҳуқуқии чунин ҳолатҳоро барои тарафҳои шартнома баррасӣ мекунад.

Ҳамчунин, дар зербоби мазкур масъалаи масъулияти тарафҳо ҳангоми мувофиқа намудани шартҳои сифати мол мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки беэътиноӣ ба шартҳои сифати мол метавонад боиси коҳиш ёфтани сатҳи ҳифзи ҳуқуқи харидор ва зиёд гардидани баҳсҳои шартномавӣ гардад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – «**Шартҳо оид ба сифати мол дар раванди иҷрои шартномаи хариду фурӯш»** хусусиятҳои ҳуқуқии иҷрои шартҳои вобаста ба сифати мол дар раванди амалисозии шартномаи хариду фурӯш таҳлил гардидаанд. Муаллиф уҳдадории фурӯшандаро оид ба пешниҳоди моли мутобиқ ба шартҳои пешбинишудаи сифат, инчунин ҳуқуқи харидорро оид ба санҷиш ва баҳодиҳии сифати мол баррасӣ менамояд.

Дар ин зербоб масъалаҳои вобаста ба ошкор гардидани нуқсонҳои мол, фарқияти нуқсонҳои ошкор ва пинҳонӣ, мӯҳлатҳои пешниҳоди талабот ва тартиби татбиқи воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи харидор мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки иҷрои номатлуби уҳдадориҳо вобаста ба сифати мол метавонад боиси татбиқи чораҳои масъулияти граждание, аз ҷумла иваз намудани мол, кам кардани нарх, бартараф намудани нуқсонҳо ё бекор намудани шартнома гардад.

Дар натиҷа муаллиф ба хулоса меояд, ки танзими самараноки ҳуқуқии шартҳои сифати мол дар марҳилаҳои бастан ва иҷрои шартномаи хариду фурӯш омили муҳимми таъмини устувории муносибатҳои шартномавӣ ва ҳифзи мутақобилаи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо ба ҳисоб меравад.

Боби сеюми диссертатсия – «Оқибатҳои ҳуқуқии иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба бегона кардани моли босифат» номгузорӣ гардида, аз ду зербоб иборат мебошад: **«Мафҳум ва асосҳои ҳуқуқии ба миён омадани оқибатҳои иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба бегона кардани моли босифат»** ва **«навъҳо ва механизмҳои татбиқи оқибатҳои ҳуқуқии иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба бегона кардани моли босифат».** Дар ин боб масъалаҳои вобаста ба оқибатҳои ҳуқуқии иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо дар доираи шартномаи хариду фурӯш мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтаанд.

Муаллиф диққати асосиро ба таҳлили асосҳои ҳуқуқии ба миён омадани чунин оқибатҳо, инчунин механизмҳои татбиқи онҳо дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ равона намудааст. Дар боб нишон дода мешавад, ки риоя нагардидани шартҳои вобаста ба сифати мол боиси вайрон гардидани тавозуни ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо гардида, татбиқи чораҳои ҳуқуқиро барои ҳифзи манфиатҳои зарардида тақозо менамояд. Таҳлил бо такя ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои умумии масъулияти гражданӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудааст.

Дар зербоби якуми боби сеюм – **«Мафҳум ва асосҳои ҳуқуқии ба миён омадани оқибатҳои иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба бегона кардани моли босифат»** мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо вобаста ба сифати мол таҳлил гардидааст. Муаллиф мафҳумҳои иҷро нагардидан ва иҷрои номатлуби уҳдадориҳоро аз ҳам ҷудо намуда, асосҳои ҳуқуқии ба миён омадани чунин ҳолатҳоро муайян менамояд.

Дар зербоб нишон дода мешавад, ки асоси ба миён омадани оқибатҳои ҳуқуқӣ метавонад пешниҳоди моле бошад, ки ба шартҳои шартнома, талаботи қонун, стандартҳо ё мақсади истифода мутобиқат надорад. Ҳамзамон, робитаи вайрон намудани шарти сифати мол бо меъёрҳои умумии масъулияти гражданӣ, аз ҷумла гуноҳ, зарар, робитаи сабабӣ ва ҷуброни зарар мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Муаллиф ба хулоса меояд, ки муайян намудани дақиқи асосҳои ҳуқуқии ба миён омадани оқибатҳои ҳуқуқӣ барои татбиқи самараноки механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи харидор аҳаммияти муҳим дорад.

Дар зербоби дуюми боби сеюм – **«Навъҳо ва механизмҳои татбиқи оқибатҳои ҳуқуқии иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба бегона кардани моли босифат»** навъҳои асосии оқибатҳои ҳуқуқии вобаста ба вайрон гардидани шартҳои сифати мол мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф чунин воситаҳои ҳифзи ҳуқукро, аз қабили иваз намудани мол, бартараф намудани нуқсонҳо, кам кардани нарх, ҷуброни зарар ва бекор кардани шартнома баррасӣ менамояд.

Дар зербоб тартиб ва шартҳои татбиқи ҳар яке аз ин механизмҳо муайян гардида, маҳдудиятҳо ва мушкилоти амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ошкор карда мешаванд. Муаллиф инчунин масъалаи интихоби воситаҳои ҳифзи ҳуқукро вобаста ба хусусияти вайронкунӣ ва манфиатҳои харидор таҳлил менамояд.

Дар натиҷа муаллиф ба хулоса меояд, ки самаранокии татбиқи оқибатҳои ҳуқуқӣ аз дақиқии танзими шартҳои сифати мол, сатҳи фарҳанги ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои шартномавӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда вобастагии зич дорад.

Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ;

ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ  пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ», ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло ба ихтисоси илмии дархостшаванда - 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионй аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳдҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо, ғалатҳо ва масъалаҳои баҳснок, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест. Аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия баъзе масъалаҳои назариявӣ вобаста ба мафҳуми «сифати мол» метавонанд боз ҳам мухтасартар ва дақиқтар ҷамъбаст карда шаванд.
2. Дар баъзе қисматҳои кор истифодаи мисолҳои иловагӣ аз амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ метавонист мазмуни таҳқиқотро боз ҳам ғанӣ гардонад.
3. Баъзе пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили қонунгузорӣ метавонанд дар оянда ба таври васеътар асоснок карда шаванд.
4. Дар баъзе бахшҳои диссертатсия такрори алоҳидаи андешаҳои илмӣ ба назар мерасад, ки ихтисор намудани онҳо ба услуби кор мувофиқтар мебуд.
5. Дар ҷараёни таҳлил баъзе масъалаҳои марбут ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ба таври умумӣ баррасӣ шудаанд ва метавонанд дар таҳқиқоти минбаъда васеътар мавриди омӯзиш қарор гиранд.
6. Дар диссертатсия масъалаҳои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи маданӣ ба таври умумӣ нишон дода шудаанд. Ба андешаи мо, агар баъзе тавсияҳои методӣ барои истифода дар муассисаҳои

таълимӣ мушаххастар пешниҳод мегардиданд, аҳаммияти амалии таҳқиқот боз ҳам бештар мегашт.

Эродҳои болозикр ва камбудиҳои ҷойдошта ба сифати баланди илмии диссертатсия таъсири манфӣ ворид намесозанд, балки нишон медиҳанд, ки мавзуи мазкур мубрам буда, аз нигоҳ илмӣ таҳлил намудани онҳо саривақтӣ мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он Қодирзода Сайвалӣ Муҳибуллоба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ-назариявӣ №14 аз 21 майи соли 2026.

Тақриз муассисаи пешбар дар асоси муқарраротии мавҷуда, махсусан бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Исмаилов Шавкат Махмудович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода карда шуда, он дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 11 нафар. Натиҷаи

овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар. Протоколи №13 аз 22 майи соли 2026.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Бобозода Ҷ.Қ.

**Ташхисгар:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Исмаилов Ш.М.

**Котиби ҷаласа:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Табаров Н.А.

Имзои БобозодаҶ.Қ., Исмаилов Ш.М., ва котиби ҷаласа Табаров Н.А.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

«22» ______05______ соли 2026

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Телефон: +992(37)231-02-01. E-mail: tgfeu@tgfeu.tj.